**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович зери унвони "Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ**

Рисолаи илмии Раҷабов Абубакр Ашурович "Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" дар сатҳи хело хуб иншо гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Рисолаи илмии мазкур як пажӯҳиши мустақилона, эҷодкорона ва комил мебошад, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ дар бахши шевашиносӣ ба шумор меравад.

Дар муқаддимаи рисола муҳимияти мавзӯъ асосонок гардида, дараҷаи таҳқиқи он дар забоншиносии ватанӣ ва ҳам дар забоншиносии хориҷӣ ҳамаҷониба нишон дода шудааст. Ҳамчунин, мақсад ва ҳадафҳои пажӯҳиш, навгонӣ ва методҳои таҳқиқ, назария ва амалияи мавзӯъ муайян ва мушаххас карда шудаанд.

Дар муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ Раҷабов А.А. "Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" шакку шубҳае нест, зеро раванди ҷаҳонишавӣ моро водор менамояд, ки ҷиҳати ошноӣ пайдо намудан бо дастовардҳои ҷадид хусусият ва тарзи гӯйишҳои забони тоҷикиро таҳлил намуда, калимаҳои иқтибосии онро ба таври комил баррасӣ карда, пешниҳоди ҷомеа гардонем.

Зиёда аз 30 % вожаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик аз забони арабӣ иқтибос гардидааст, аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур на танҳо барои доираи маҳдуди мутахассисон дар бахши забоншиносӣ, балки барои

доираи васеъи хонандагон ва ҳаводорони забони тоҷикӣ бисёр муҳим аст.

Бо дарназардошти муҳимияти мавзӯъ, ҳамчунин мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, ки муаллиф дар кори худ муайян кардааст, навгонии рисола муайян карда шудааст.

Ҳамин тавр, муҳаққиқ дар боби якуми рисола **«Хусусиятҳои овоии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷануби забони тоҷикӣ»** тағйиротҳои овозии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шеваи ҷанубии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми рисола **«Хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳои арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** ном дошта, дар бораи хусусиятҳои ҷудогонаи синонимшавии вожаҳо, хосияти зидмаъноӣ пайдо кардан, ҳамгунаву ҳамовоз ва сермаъно гардидани онҳо дар заминаи маводи забони адабӣ баҳс мекунад.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Зикр кардан зарур аст, ки доир ба масъалаи таҳқиқи масоили калимасозии шеваҳои забони тоҷикӣ корҳои зиёде аз ҷониби муаллиф ба анҷом расидааст, Хусусияти морфологии калимаҳои иқтибосии арабии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар диссертатсия дар шакли комил ва ҳамаҷониба баррасӣ шудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидан, рисола аз камбудиҳо комилан орӣ нест. Бартараф кардани нуқсонҳои зерини ҷойдошта дар оянда барои баланд бардоштани аҳамияти рисолаи мазкур мусоидат хоҳад намуд:

1. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия, ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад (саҳ. 13, 15, 19);
2. Иқтибосоварӣ дар рисола аз рӯйи меъёрҳои илмӣ дуруст риоя нашудааст (21, 22).

3. Агар калимаҳои иқтибосии арабие, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, бо ҳуруфи лотинӣ ишора карда мешуданд, барои таҳқиқоти хориҷиён низ хидмат карда метавонист.

Бо вуҷуди нуқсонҳои дар боло зикршуда, рисолаи илмӣ тибқи мақсад ва ҳадафҳои пешгузошта навишта шуда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҷабов Абубакр Ашурович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, н.и.ф.,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон: Гурезов Ҷ. Н.
07.04.2021

“Имзои Гурезов Ҷ.Н.-ро
тасдиқ менамоям”
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус: Пирзода С. С.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Деҳотӣ - ½.
тел: +992555338282
факс: +992(37) 234-85-46.
E-mail: gurezov@internet.ru